# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 –Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

***Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.*** Рушди низоми муосири маорифи мамлакат, хосатан муассисаҳои олии касбӣ ба ташаккули арзишҳои касбӣ ва ба такмили сифатҳои шахсии донишҷӯён-омӯзгорони оянда, маҳорати қабули қарорҳо, масъулиятшиносӣ, ташаккул додани малака ва сифатҳои касбӣ талаботҳои ҷадидро пеш гузоштааст. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили тадкиқотҳои муосири олимони соҳаи педагогӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки маҳз муносибати акмеологӣ ба муайян кардани омилҳои объективӣ ва субъективии маҳорати касбии шахс ва рушди худшиносии ӯ, ки барои ноил шудан ба дастовардҳои олии касбӣ замина мегузорад, мусоидат менамояд. Ба муҳимият ва зарурияти таҳқиқи муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла “Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ” далели равшан ва возеҳи он аст.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он аз тарафи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва илми педагогика хеле ҷолиби диққат буда, ба таҳқиқоти мубрам ва доғи рӯз маҳсуб будани он далолат медиҳад.

***Моҳияти илмӣ ва асоснокии мундариҷа ва натиҷаҳои таҳқиқот.*** Диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Мазмуни

рисола дар 178 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардидааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 197 номгӯйро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, сарчашмаҳо ва равиши анҷоми кори илмӣ, предмет ва объекти таҳқиқ, инчунин матолиби меҳварии барои дифоъ манзуршаванда ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

***Дар боби аввали рисола, ки «Асосҳои назариявии мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ"*** номгузорӣ шудааст, ҷанбаҳои назариявии мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар асоси таҳлилу тафсири адабиёти психологӣ-педагогӣ, роҳу усулҳои имконпазири рушди мавқеи акмеологии омузгори оянда дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳими назариявӣ муаллиф маҷмӯи муносибатҳо ва диди назариявӣ-методологӣ, ба монанди системанокӣ-шахсиятӣ, фаъолнокӣ ва салоҳиятнокиро истифода бурда, дар муайян кардани манбаъҳои назариявии таҳқиқот муяссар гардидааст. Дар асоси ин муносибатҳо, ва илова бар он бо муносибати нави таҳқиқотӣ-модулӣ аз ҷониби муаллиф паҳлуҳои назариявии мафҳуми акмеология ҳамчун муайянкунандаи психологияи камолот ё калонсолон, муайян карда шавад ва пешниҳод менамояд, ки мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоиро аз мавқеи касбӣ баррасӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст, чунки барои азхуд кардани касб дар оғоз дарки таъиноти он ва баъдан дар ин асос рушди маҳсулнокии сифатҳои касбӣ дар раванди фаъолияти педагогӣ зарур мебошад. Чунин муносибат ва мавқеи муаллифи рисола аз чуқур ва ҳамаҷониба ба умқи муаммо ворид шудани муаллифи рисола дарак медиҳад. Бо назардошти накши назаррас ва моҳияти муҳими муаммои таҳқиқшаванда муаллиф дар рисола дуруст қайд мекунад, ки таҳлил,

таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ яке аз вазифаҳои умдаи илмӣ-таҳқиқотии педагогӣ маҳсуб мебошад. Дар боби мазкур муаллиф мазмун ва муҳтавои мавқеи акмеологии омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти олии касбиро тавсиф намуда, аз қисмҳои таркибии зерин: ҳиссӣ-арзишӣ, ангезавӣ-фазилатӣ (рефлексивӣ) – баҳодиҳӣ, маърифатӣ, иртиботӣ иборат будани он маълумоти амиқ ва асосноки илмӣ пешниҳод менамояд. Муаллиф муайян кардааст, ки махсусияти таҳқиқи рушди мавқеи акмеологӣ дар омӯзгорони оянда дар асоси принсипҳои худинкишофдиҳӣ, рефлексивият, инчунин ташхиси равиянокии касбӣ - педагогӣ ва худтатбиқсозии эҷодӣ ба муносибати акмеологӣ асос меёбад. Муаллиф қайд менамояд, ки рушди мавқеи акмеологии омӯзгори оянда дар натиҷаи истифода аз шаклҳо, усулҳо, технологияҳои гуногун, воситаҳои таълим дар таҷрибаомӯзии педагогӣ самаранок мегардад.

Бо андешаи муаллиф тавассути таҷрибаи педагогӣ ақидаҳои назариявӣ ташаккул меёбанд, донишҷӯён ба фаъолияти мустақилонаи педагогӣ мутобиқ гардида, имкон пайдо мекунанд, ки лаёқати касбии худро дар амал бисанҷанд. Ҳамчунон иброз гардидааст, ки пас аз таҳқиқи сохтор ва мазмуну мундариҷаи таҷрибаомӯзии омӯзгорӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки он омил ва асосу заминаи ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда гашта, барои густаришу рушд шароит муҳайё мекунад.

***Боби дуюми диссертатсия,*** ки “***Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ***” ном дорад, масъалаҳои ташкил ва гузориши корҳои таҷрибавӣ-озмоиширо доир ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ баррасӣ намуда, роҳҳои самаранок ташкил намудани таҷрибаомӯзии педагогӣ ва моҳияти он барои ташаккули мавқеи

акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таҷрибаомӯзии педагогӣ марҳила ба марҳила омӯхта ва муайян карда шудааст.

Дар асоси таҳлили таҷрибаомӯзии амалияи омузгорӣ, аз ҷониби маллифи рисола дар боби мазкур , пеш аз ҳама, як қатор проблемаҳое ошкор карда шудааст, ки онҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар донишҷӯён қобилияти истифода бурдани донишҳои назариявӣ барои ҳалли масъалаҳои амалӣ ба қадри кофӣ ташаккул наёфтааст. Танҳо 25,2% донишҷӯён чунин мешуморанд, ки аз худ кардани маҳорати касбии педагогӣ яке аз вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии педагогӣ мебошад. Боқимонда 63,8% вазифаи асосии дар худ "андоза кардан"-и нақши муаллим, донишҳои назариявиро дар амал татбиқ кардан, маҳорати муоширатро бо бачагон пайдо кардан, хонандагонро бо дониш мусаллаҳ намудан ва то чӣ андоза қобилияти омӯзгорӣ доштанро тавзеҳ додаанд.

Яке аз ҷузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки дар боби мазкур муаллиф амсилаи мавқеи акмеологии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоиро дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия намуда мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф иброз медорад, ки амсилаи таҳияшуда, асосан, хусусияти вижа дошта, ба таъмини ягонагии омодагии ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ нигаронида шудааст. Тибқи он шаклҳои вазифаҳои таълимӣ ва маърифатие пешниҳод карда шудаанд, ки дар рафти он донишҷӯ муносибати худро ба касби оянда дарк намуда, олами ботинии худро дигар мекунад. Вобаста ба ин, аз тарафи муаллиф барнома коркард шуда, баъдан семинаре бо номи "Мавқеи акмеологии муаллими оянда" дар давраи таҷрибаомӯзии омӯзгории донишҷӯён гузаронида шудааст ва он мувофиқи нақша (32 соат барои курси 2-юм ва 32 соат барои курси 4-ум) вазифаҳои муайянро дар бар гирифтааст, ки он ба ташаккул додани мавқеи акмеологии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Умуман, қобили қайд аст, ки самаранокии амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба инкишофи мавқеи акмеологии омӯзгори оянда мусоидат карда, самти ташаккул ва ба амал баровардани неруи касбии муаллимиояндаро муайян мекунад, ба таври озмоишӣ аз ҷониби муаллифи рисола тасдиқ карда шудааст.

***Дар қисмати Хулосаи рисола*** натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсияҳои мушаххас ва боэътимод оид ба самаранокии ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ ироа гардидаанд. Натиҷагириҳои унвонҷӯ аз он дарак медиҳанд, ки ӯ барои дар амал татбиқ намудани консепсияи назарии хеш дар раванди татбиқи технологияи ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ пешниҳодҳои мушаххас аз таҷриба ва озмоишҳои анҷом дода дар ихтиёр дорад ва он метавонад дар раванди корҳои таълимиву тарбиявӣ дар макотиби олӣ барои баланд бардоштани самаранокии ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ саҳми арзишманд гузорад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия Нуралиев Мансур Исматуллоевич оиди ҷамъбаст ва хулоса намудани донишҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии он марбут ба доираи муаммои таҳқиқот кори ҷиддии назариявӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шудааст.

***Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот,*** хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳод гардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

***Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода меёбанд:***

- моҳияти мавқеи акмеологии донишҷӯён ҳамчун омили муҳими рушди шахсӣ ва касбии онҳо муайян карда шуд;

- шароитҳои педагогие, ки боиси рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ мегарданд, ошкор, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва мавриди озмоиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо собит карда шуд;

- амсилаи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки ба рушди мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда имкон медиҳад, таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд;

- самаранокии раванди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ муйян карда шуд;

- консепсияҳои муосири ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳлил карда шуд;

- тавсияҳои илмӣ-методӣ доир ба ташаккулу таҳаввули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда дар рафти таҷрибаомӯзии педагогӣ таҳия ва манзур карда шуд.

***Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ*** дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳият, мавқеъ ва аҳамияти акмеологии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ ва ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда саҳми муайян мегузорад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионии*** мазкур дар он зоҳир меёбад, ки ғояҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар бунёди тавсияҳои илмӣ-методӣ оид ба ташаккули мавқеи акмеологии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ метавонанд аз тарафи таҳқиқотчиёни масъалаи омодагии касбии омӯзгорони оянда; роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогӣ; устодони

макотиби олӣ дар мавриди ташкили таҷрибаомӯзии педагогии омӯзгорони оянда тавассути машғулиятҳои амалӣ васеъ истифода карда шаванд.

***Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.08 –Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқ аст.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот*** дар таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқот; дар омузиш ва таҳлили асосноки таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот, дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дар баргузории таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, амалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷассум меёбад.

***Эрод ва пешниҳод нисбати камбудиҳои мавҷудбуда.***

Бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасад, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, ки шакл ва усулҳои ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оиди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбӣ ба таври мушахасс таҳқиқ мегардид.
2. Дар рисола хуб мебуд, ки дар бораи таҷрибаи баъзе макотибҳои олии касбии кишвар оиди ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони

оянда ба фаъолияти касбӣ бо таҳлил, пешниҳод ва тавсияҳои илмӣ дода мешуд.

3. Дар рисола хатогиҳои услубӣ, техникӣ дида мешавад, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар намудани сифати он мусоидат менамояд.

Нуктаҳо баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

## ХУЛОСА

Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии диссертатсия, ки аз тарафи муаллиф басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмӯъ фарогири 11 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 7 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

Дар асоси гуфтаҳои болоӣ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Нуралиев Мансур Исматуллоевич дар мавзӯи “Ташаккули мавқеи акмеологии омӯзгорони оянлаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 –Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) кори

таҳқиқотии мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ва пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Нуралиев Мансур Исматуллоевич ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 –Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “ДДХ
ба номи акад.Б.Ғафуров” Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович
28.02.2024с.

**Суроға**: 735700, ш. Хуҷанд, гуз.Мавлонбеков 1. Тел.+992-927717870. Почтаи электр. Sharofzod1954@mail.ru

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ– и МДТ “ДДХ*
*ба номи акад.Б.Ғафуров”* *Наврузов Э.М.*